# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброри Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи насри муосири тоҷик ва пажуҳиши осори нависандагони дар сатҳи матлуб осорашон баррасинашуда дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик ба як самти муҳим қарор гирифтааст. Бавежа, ривоҷи наср дар даврони истиқлоли миллӣ ва тамоюлҳои тозаи он диду назар ва нақду баррасии амиқро тақозо дорад, ки дар ин роҳ муҳаққиқону мунаққидони ҷавон кӯшишҳои қобили таваҷҷуҳро аз хеш зоҳир менамояд.

Нависандаи соҳибноми тоҷик, Аброри Зоҳир бо онки ҳамагӣ панҷоҳ сол умр дид, аммо аз худ мероси гаронмояе ба ёдгор гузошт, ки ӯро чун адиби соҳибқалам ва пуркор муаррифӣ менамояд. Ба қалам овардани 60 асари бадеӣ дар ин фосилаи умри кутоҳ ба истеъдоди нодири нависандагиаш ишорат мекунад. Ҳарчанд дар бораи эҷодиёти ӯ ҳамкасбону ҳамқаламон ва адабиётшиносону мунаққидон мақолоте ҷудогона ба қалам овардаанд, аммо то ҳол хидмати ин адиби номдор бо чунин мероси пурбор дар сатҳи матлуб ва дар доираи як рисолаи ҷудогона ба таҳқиқ кашида нашудааст. Ба ин асос, диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброри Зоҳир» яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммал дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба эҷодиёти ин нависанда ба шумор меравад. Агарчӣ дар меҳвари таҳқиқоти мазкур баррасии вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброри Зоҳир қарор гирифтааст, вале зимни мутолеаи автореферат ва ошноӣ бо сохтори диссертатсия маълум месозад, ки ӯ нахуст зиндагинома, мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии адибро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар барқарор намудани шарҳи ҳоли нависанда осори худи вай, ки дар онҳо лаҳзаҳои мухталифи рӯзгораш таҷассум ёфтаанд, нақши муҳим доранд, ки довталаби дараҷаи илмӣ аз онҳо босамар истифода кардааст.

Бар асоси чунин шеваи таҳқиқ диссертант муқаррар кардааст, ки мероси адабии нависанда танҳо ба повесту роман маҳдуд нест, балки ӯ ҳамчун адиби бачагон маҳорати хешро дар иншои ашъор барои кӯдакон озмудааст. Дар умум, панҷ тамоюли эҷодии нависандаро мушаххас намудааст, ки ӯро чун нависанда, филмноманавис, мунаққиди адабиёт ва синамо, рӯзноманигор ва шоири шеърҳо барои бачагон муаррифӣ мекунанд.

Мабоҳиси меҳварии диссертатсия дар бобҳои дувум ва савуми он ҷой гирифтаанд, ки таҳқиқи вежагиҳои мавзуи ва сабкии насри бадеии таърихии нависандаро фаро мегирад. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант асосан ба романҳои “Мунтасир”, “Ҷилои Ҷоми Ҷомӣ” таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маҳорати нависандаро дар эҷоди симои ду шахсияти барҷастаи таърихи халқи тоҷик

нишон додааст. Муҳаққиқ муқаррар сохтааст, ки нависанда дар ҷараёни офариниши симоҳои марказии ҳар ду роман танҳо ба шахсиятҳои меҳвар-Мунтасири Сомонӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ маҳдуд нашуда, кӯшидааст, ки симоҳои сиёсӣ, адабӣ, ирфонӣ ва афроди маъруфи дигари ду давраи таърихиро таҷассум намояд. Масалан, дар романи "Ҷилои ҷоми Ҷомӣ" дар баробари Абдураҳмон Ҷомӣ симои шахсияти дигари сиёсиву адабии барҷастаи давр-Амир Алишери Навоӣ, чеҳраҳои Мирзо Улуғбек, Шоҳрух, Низомиддин Аҳмад, Ҳазрати Мавлоно Сайфиддини Аҳмад ва Шайхшоҳ низ тасвир шудаанд.Ҳамин вежагиҳои муҳим арзиш ва аҳамияти насри бадеии таърихии нависандаро дар сатҳи матлуб муаррифӣ намудаанд. Дар баробари ин, вежагиҳои романи "Шикасти зулмот",ки аз рӯзгори Абурайҳони Берунӣ нақл мекунад, аз диди муҳаққиқ берун намондааст.

Барои мушаххас намудани вежагиҳои сабкии осори насрии нависанда муҳаққиқи ҷавон аз ду шева ба кор гирифтааст, ки аввал истифодаи ашъор ва дувум корбурди зарбулмасал ва мақолҳо ба шумор меравад, ки дар ғанои забони таълифоти адиб таъсири пурфайз гузоштаанд. Таҳқиқи оморӣ барои *диссертант имконият додааст, ки ба таври дақиқ теъдоди абёти истифодашуда* дар романҳои "Мунтасир" ва "Ҷилои ҷоми Ҷомӣ" дақиқу аниқ гардида, шумори *мушаххаси аз кадом шоирон ба кор рафта муайян карда шавад. Ба таҳқиқи* муаллиф дар романи "Мунтасир" 41 байт истифода шудаст, ки мансубияташон чунин аст: Аз Абулянбағӣ 1 шеър (2 байт), Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 6 шеър (11 байт), Абулмуайяди Балхӣ 1 шеър (1 байт), Абулқосим Фирдавсӣ 2 шеър (4 байт), Имораи Марвазӣ 1 шеър (2 байт), Фаррухӣ 1 шеър (3 байт), Мунтасир 4 шеър (14 байт) ва 1 шеър (4 байт), ки муаллифаш дақиқ нашудааст. Ҳамин тавр, дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» истифодаи 285 байтро муқаррар кардааст, ки дар 92 маврид истифода шуда, бештари онҳо (170 байт) ба худи Абдураҳмони Ҷомӣ тааллуқ мегиранд.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 12 банди назарӣ ва 8 банди амалӣ таркиб ёфтааст, муҳимтарин натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ҳосилшуда шарҳу баён ёфтаанд.

Дар канори ин дастовардҳои муҳими илмӣ дар автореферати диссертатсия бархе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Романи Аброри Зоҳир "Мунтасир" унвон дорад, ки баргирифта аз номи охирин намояндаи Сомониён Исмоил Мунтасири Сомонӣ аст. Диссертант дар матни русии автореферат онро ба шакли "Победитель» тарҷума намудааст, ки маънии луғавии вожаро ифода мекунад. Бо сабаби он ки дар ин ҷо сухан дар бораи шахси муайян ва аниқи таърихӣ меравад, боқӣ гузоштани худи номи он мувофиқи мақсад аст. Ҳадди ақал дар сурати истифодаи маънии луғавии вожа дар тарҷумаи русӣ андаке зарурати тавзеҳи андак пеш меояд.
2. Маълум аст, ки дар бораи Мунтасир ба ҷуз Аброри Зоҳир нависанда Мубинҷон Юсуфов асари драмавӣ бо ҳамин ном иншо кардааст. Агар дар

ҷараёни баррасиҳои ҳар ду асари мазкурро ба сурати қиёсӣ таҳқиқ менамуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд.

3. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ мушоҳида мешаванд, киислоҳи онҳо арзиши кори диссертантро меафзояд.

Қайду эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиши илмии диссертатсия таъсире намегузоранд. Дар умум метавон ба ин натиҷа расид, ки , ки диссертатсияи **Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброри Зоҳир** ҷавобгӯйи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии » **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.**

доктори илми филология,
профессор, директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нурзод Нуралӣ Нор
4 Феврали 2026

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илми филология,
профессор Нуралӣ Нурзодро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус З. Саъдуллозода

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru
4 Феврали 2026